# РАФТИ ИҶРОИ НАҚШАИ МИЛЛИИ АМАЛҲО ВОБАСТА БА ИҶРОИ ТАВСИЯҲОИ КУМИТАИ ЗИДДИ ШИКАНҶАИ СММ БАРОИ СОЛҲОИ 2019-2022 ДАР СОЛИ 2019

Вобаста ба зербанди 1 банди 1 нақша Прокуратураи генералӣ иттилоъ дод, ки тибқи қисми 1 моддаи 161 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (тобеияти тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ) тафтиши шиканҷа (моддаи 143[1] КҶ ҶТ) тобеияти мақомоти прокуратура мебошад.

Масъалаи истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона мунтазам мавриди санҷиш ва таҳлил қарор дода шуда, натиҷаҳои он дар ҷаласаҳои ҳайати мушовараи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокуратураҳои вилоятӣ, Шӯрои ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурӣ ва ҷаласаҳои байниидоравии фаврӣ баррасӣ гардида, ҷиҳати аз байн бурдани қонуншиканиҳои ошкоршуда чораҳо андешида мешаванд.

Дар баробари ин, таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи тафтиши ҷиноятҳо оид ба шиканҷа, ҷазои бераҳмона ва ғайриинсонӣ гузаронида шуда, баҳри беҳтар намудани фаъолият дар ин самт тадбирҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд.

Вобаста ба иҷрои зербанди 2 банди 1, ва зербанди 2 банди 5 нақша Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон иттилоъ дод, ки бо мақсади пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ва баланд бардоштани малакаи касбии судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мутахассисон оид ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намуди муносибати бераҳмона рӯзҳои 11-19 марти соли 2019 аз ҷониби кормандони дастгоҳи маркази мақомот дар якҷоягӣ бо намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ВМКБ дар байни роҳбарият ва кормандони ШВКД ноҳияи Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Роштқалъа, Ишкошим, шаҳри Хоруғ ва РВКД дар ВМКБ вохӯриҳо ва мизҳои мудаввар дар мавзӯи “Ҳуқуқҳои дастгиршудагон”, “Пешгирии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф», “Пешгирии терроризм ва ифротгароӣ” ташкил ва гузаронида шуданд.

Соли 2019 бо мақсади баланд бардоштани малакаи касбии судяҳо ва коромӯзон аз ҷониби кормандони дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои 60 нафар судяҳо ва коромӯзон семинарҳои дурӯза гузаронида шуд. Ҳамчунин соли 2019 аз ҷониби кормандони дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар қисмҳои ҳарбии 06870, 02615, 07033, 12019 ва 08010-и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои афсарону сарбозон

мизҳои мудаввар гузаронида шуд, ки яке аз мавзӯи асосии он “Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дода намешавад” ба шумор мерафт.

Вобаста ба зербанди 3 банди 1 ва зербанди 1, 2 банди 7 нақша аз ҷониби Прокуратураи генералӣ корҳои тарғиботию ташвиқотӣ дар мавриди риоя намудани қонунгузорӣ дар самти пешгирии шиканҷа ва дигар тарзу усулҳои номатлуб ба роҳ монда шуда, бо кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва Агентии назорати маводи нашъаовар ҷиҳати пешгирӣ намудани азобу шиканҷа вохӯриҳо баргузор карда мешаванд. Инчунин Прокурори генералӣ дар ҳама баромадҳо ва нишастҳои матбуотии худ норавоии шиканҷаро таъкид намуда, вазъи ошкоркунӣ ва натиҷаи тафтишу баррасии судии парвандаҳои ҷиноятиро оид ба истифодаи шиканҷа шарҳ медиҳанд.

Вобаста ба зербанди 1 ва 2 банди 2 нақша Прокуратураи генералӣ иттилоъ дод, ки баррасии муроҷиатҳо ва хабар дар бораи шиканҷаро Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва мақомоти прокуратура, ки дар фаъолияти худ ҳам ба таври ташкилӣ ва ҳам ҳуқуқӣ аз дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мустақил мебошанд, амалӣ менамоянд.

Ҷиҳати иҷрои зербанди 3 банди 2 нақша аз ҷониби Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо раёсату шуъбаҳои дахлдори Прокуратураи генералӣ ҳангоми амалӣ намудани барномаҳои таълимӣ 11 апрели соли 2019 бо ҷалби 40 нафар ёрдамчиёни прокурорҳои шаҳру ноҳияҳо ва 22 майи соли 2019 бо ҷалби 19 нафар прокурорҳои шаҳру ноҳияҳо дар мавзуъҳои тарзу усулҳои гузаронидани санҷишҳои прокурорӣ оид ба пешгирӣ ва ошкор намудани ҳолатҳои шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона, аз ҷумла риояи талаботи қонун дар ҷойҳои нигоҳдорӣ дар ҳабс, ваколатҳои прокурор дар баамалбарории назорати прокурорӣ вобаста ба риояи талаботи қонун дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва тафтиши пешакӣ машғулиятҳо ҷиҳати пешгирии шиканҷа гузаронида шуданд.

Инчунин тибқи барномаи таълимии донишкада дар ҳамкорӣ бо ташкилоти ҷамъиятии “Марказ оид ба ҳуқукҳои инсон” дар мавзӯи “Тарзу усули санҷиш ва тафтиши ҳолатҳои шиканҷа ва дигар муносибатҳои бераҳмона”, “Принсипҳои тафтиш ва ҳуҷҷатгузории самараноки ҳолатҳои шиканҷа тибқи стандартҳои Протоколи Истамбул” рӯзҳои 11-14 апрели соли 2019 бо ҷалби 26 нафар муфаттишони мақомоти прокуратураи шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, ш.Душанбе ва ноҳияҳои он, рӯзҳои 18-21 апрели соли 2019 дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон бо ҷалби 31 нафар муфаттишони прокуратураи вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои

он, рӯзҳои 25-28 апрели соли 2019 дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд бо ҷалби 23 нафар муфаттишони прокуратураи вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он машғулиятҳо гузаронида шуданд.

Машғулиятҳо бо истифодаи тарзу усулҳои муосири таълим вобаста ба ҳар як мавзуъ мувофиқан ба тарзи назариявӣ, лексионӣ, лексионӣ-амалӣ, интерактивӣ, ҳуҷуми зеҳнӣ ва дигар усулҳо гузаронида шуда, машғулиятҳои амалӣ тариқи кор дар гуруҳҳо, кори инфиродӣ, нақшаҳои саҳнавӣ, таҳлили ҳолатҳои мушаххас оид ба мавзуъҳои баррасишаванда таъмин карда шуд.

Вобаста ба иҷрои зербанди 4 банди 2 нақша оид ба огоҳсозии ҷомеа дар мавриди далелҳои марбут ба дилхоҳ тафтиши тасдиқи истифодаи шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона дар соли 2019 аз ҷониби кормандони Прокуратураи генералӣ дар зиёда аз 30 идораю ташкилот, муассиса ва ҷамоатҳои деҳоту шаҳри ҷумҳурӣ вобаста ба пешгирии ҷинояткорӣ, аз ҷумла шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати бераҳмона вохӯриҳо гузаронида шуд.

Вобаста ба зербанди 1 банди 3 нақша бо фармоиши Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 марти соли 2019, №27 нақшаи чорабиниҳои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалӣ намудани Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи зидди шиканҷаи СММ барои солҳои 2019-2022 қабул карда шуд.

Иттилоъ дода шуд, ки ҷиҳати иҷрои зербанди мазкур дар назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кории байниидоравӣ аз ҳисоби намояндагони Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи ворид намудани тағйирот ба моддаи $143^1$ Кодекси ҷиноятӣ ва зиёд кардани муҳлати маҳрумӣ аз озодӣ барои истифодаи шиканҷа, ҳамзамон бекор намудани чораҳои ҷазое, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ рабт надоранд, таъсис дода шуд.

Дар натиҷаи муҳокима ва баррасии масъала гуруҳи корӣ ба хулоса омад, ки бо мақсади вазнин кардани санксияҳои моддаи $143^1$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қисмҳои 1, 2 ва 3 моддаи мазкур ворид намудани тағйирот ба мақсад мувофиқ мебошад.

Бинобар ин лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро” таҳия карда шуда, мутобиқи он ҷазои дар санксияи қисми 1 моддаи $143^1$ дар намуди ҷарима муқарраршуда хориҷ карда шуда, андозаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз “ду то панҷ” мутаносибан дар ҳачми “панҷ то ҳашт” ва қисмҳои 2 ва 3 аз “панҷ то ҳашт” ва “даҳ то понздаҳ”

мутаносибан ба “ҳашт то дувоздаҳ” ва “дувоздаҳ то понздаҳ” зиёд карда шуданд.

Ҷиҳати иҷрои зербанди 2 банди 3 нақша Прокуратураи генералӣ иттилоъ дод, ки вобаста ба татбиқ накардани санадҳои авф, қатъ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар робита бо созиш бо ҷабрдида, гузаштани муҳлати таъқиби ҷиноятӣ ва дигар ҳолатҳо нисбати шахсоне, ки шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро истифода намудаанд, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия карда шуд. Баҳри иҷрои муқаррароти зербанди мазкур дар Прокуратураи генералӣ аз ҳисоби намояндагони Вазорати адлия, Суди Олӣ, Маркази миллии қонунгузорӣ ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон гурӯҳи корӣ созмон дода шуда, масъалаҳои зикршуда мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Дар натиҷа лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 72, 73, 75 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” омода карда шуда, ҷиҳати коркарди минбаъда ба гурӯҳи корӣ, ки тибқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, № АП-129 аз 30 апрели соли 2019 оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси ҷиноятии Чумҳурии Тоҷикистон созмон дода шудааст, пешниҳод карда шуд.

Мувофиқи банди 4 нақша ба зиммаи гуруҳи кории назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон андешидани чораҳо оид ба амалисозии тавсияҳои Зеркумита оид ба аккредитатсияи мақомоти миллии ҳуқуқи инсон аз соли 2012 ва мақомоти СММ тибқи Принсипҳои Париж вогузор карда шудааст.

Вобаста ба масъалаҳои мазкур 20 декабри соли 2017 нақшаи мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2017-2020 тасдиқ шуд, ки дар он чорабиниҳои дахлдор то соли 2020 пешбинӣ гардидааст. Инчунин бо фармони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз 19 октябри соли 2017, №143 гурӯҳи кории дахлдор дар ҳайати намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Вазорати корҳои хориҷӣ ва Вазорати адлия ташкил шудааст.

Қонунгузории дигар давлатҳо, ки масъалаи фаъолияти ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи инсонро ба танзим медароранд ва кишварҳое, ки ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсони онҳо мақоми «А» доранд, мавриди омӯзиш қарор дода шуда, маводҳо ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва дар гурӯҳи корӣ баррасӣ шуда истодааст.

Вобаста ба зербандҳои 1 ва 3 банди 5 нақша ҷиҳати гузаронидани таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои

кафолатҳои асосии ҳуқуқии дастгиршудагону шахсони ба ҳабс гирифташуда аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ ва баррасии масъалаи такмили механизми барасмиятдарории дастгиркунӣ ва бақайдгирии ҷойгиркунӣ дар ҷойҳои дар ҳабс нигоҳ доштан Прокуратураи генералӣ иттилоъ дод, ки дар ин самт 14 майи соли 2016 ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршудагон, айбдоршавандагон ва судшудагон» тағйиру иловаҳои мушаххас ворид карда шуданд.

Ҷиҳати иҷрои зербанди 4 банди 5 нақша Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ иттилоъ дод, ки вобаста ба ворид намудани тавсияҳои Протоколи Истамбул дар фаъолияти кормандони соҳаи тандурустӣ вазорат ба корҳои назаррас ноил гаштааст. Аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи экспертизаи тиббӣ-судӣ тасдиқ гардида, дар онҳо тавсияи Протоколи Истамбул мавриди гузаронидани экспертизаҳои тиббӣ-судӣ ҳангоми арз оид ба шиканҷа ва дигар намудҳои муносибатҳои бераҳмона тартиб дода шудааст.

Вобаста ба иҷрои зербанди 1 ва 3 банди 6 Вазорати адлия иттилоъ дод, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» 3 маротиба, яъне 23 ноябри соли 2015 ба моддаҳои 10, 12, 14, 21, 22, 35 ва 45 аз 14 майи соли 2016, ба моддаи 45 ва 24 феврали соли 2017, ба моддаҳои 13 ва 19 тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Тағйиру иловаҳои 23 ноябри соли 2015 дар қисмати уҳдадориҳои адвокат, соҳиб шудан ба мақоми адвокат, иҷозат додан ба имтиҳони тахассусӣ, боздоштани мақоми адвокатӣ, қатъ намудани мақоми адвокатӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси адвокат ва соҳиб шудан ба мақоми адвокат ворид карда шуд.

Вобаста ба иҷрои зербанди 4 банди 6 нақша Вазорати адлия зикр намуд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, №425 Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Консепсия) қабул гардидааст.

Барои татбиқи Консепсия бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2015, №704 Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Муассиса) таъсис дода шуд.

Аз ҷониби мутахассисони бахши мониторинги муассиса фаъолияти бюроҳои давлатии ҳуқуқӣ бо тарзу усули хос барои баҳодиҳии татбиқи моделҳо, муайян намудани сифати ёрии ҳуқуқии расонидашуда, мониторинг гузаронида мешавад.

Мониторинги фаъолияти ҳуқуқшинос дар маҳалли ҷойгиршавиаш аз ҷониби мутахассисони муассиса гузаронида шуда, тартиби коргузорӣ, дурустии аризаҳои даъвогӣ, аризаҳо, шикоятҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои аҳамияти ҳуқуқӣ дошта, ки ҳуқуқшиносон ба мурочиаткунандагон таҳия мекунанд санҷида мешавад.

Ҷиҳати иҷрои зербанди 1, 2 ва 3 банди 8 нақша Вазорати адлия иттилоъ дод, ки бо мақсади пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятӣ аз қабили ВНМО ва сил дар давоми солҳои 2017 – 2019 дар муассисаҳои ислоҳӣ аз ҷониби мутахасисони раёсати тиббӣ бо дастгирии Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил” ва Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии мубориза бо ВНМО”, ҷамъиятҳои байналмилалии “Фонди Глоблӣ”, “Каритас - Люксембург”, “ЮСАИД”, “КНСВ” ва ташкилоти ҷамъиятии “СПИН - плюс” байни кормандон ва маҳкумшудагон 49 дарсҳои омузишӣ (тренингҳо) гузаронида шуданд.

Дар чорабиниҳои мазкур 10 нафар кормандони тиб барои гузаштани курси кутоҳмуддати бозомузӣ дар назди Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи тиб ва як нафар барои ихтисосгирии аввалия ҷалб гардиданд.

Инчуни давоми солҳои 2017 – 2019 аз ҷониби мутахассисони Раёсати тиббӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар муассисаҳои зертобеъи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вазорати адлия 13800 маводи иттилоотӣ дар мавзӯъи ВНМО ва сил паҳн карда шудааст. Аз он ҷумла дар ҳамин самт бо маҳкумшудагон суҳбатҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ гузаронида шуданд, ки дар он 2236 маҳкумшудагон иштирок доштанд.

Вобаста ба зербанди 7 банди 8 нақша Прокуратураи генералӣ иттилоъ дод, ки тибқи маълумотҳои оморӣ дар муассисаҳои ислоҳии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ соли 2019 23 маҳкумшуда аз сактаи дил, 9 нафар аз бемории сили шуш ва боқимонда 26 нафар аз дигар бемориҳо вафот кардаанд. Дар байни онҳо 5 нафар аз бемории сироятии ВНМО вафот кардаанд.

Тартиби бақайдгирии ҳолатҳои вафоти маҳкумшудагон дар муассисаҳои ислоҳӣ дар асоси талаботи Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва “Тартиби ташкил ва расонидани ёрии тиббӣ ба шахсоне, ки дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ адои ҷазо менамоянд ва зери боздошт қарор доранд”, ки бо фармоиши муштараки Вазири адлия ва Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 майи соли 2018, №40/402 тасдиқ гардидааст, амалӣ карда мешавад.

Вобаста ба ҳар як ҳолати вафоти маҳкумшудагон аз ҷониби мақомоти прокуратура барои муайян намудани сабаби марг саривақт чорабиниҳои мурофиавӣ гузаронида мешаванд.

Бо мақсади иҷрои банди 9 нақша аз ҷониби Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ дар семинар дар мавзӯи «Татбиқи меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ оид ба ҷинояти вобаста ба шиканҷа» 176 судя ва 58 коромӯз-судяҳо ҷалб карда шуданд.

Вобаста ба мавзӯи «Принсипҳои таҳқиқу тафтиши самаранок ва ҳуҷҷатгузории шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ё ҷазои бераҳмона тибқи стандартҳои Протоколи Истанбул» бо кӯмаки Дафтари барномаҳои Созмони Аҳдномаи ҳамкории Аврупо (САҲА) дар шаҳри Душанбе бо 43 судяи ҷумҳурӣ ва 3 нафар кормандони Маркази таълимии судяҳо семинарҳои омӯзишӣ баргузор гардид.

Вобаста ба иҷрои банди 10 нақша Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон иттилоъ дод, ки механизми баргузории мониторингҳо аз ҷониби гурӯҳи мониторингии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон сол аз сол такмил дода мешавад. Аз ҷумла гурӯҳи мониторингии мазкур дар 14 муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида мониторинг гузаронид.

Вобаста ба иҷрои зербанди 1 ва 3 банди 11 нақша Вазорати корҳои дохилӣ иттилоъ дод, ки дар давоми соли 2019 аз тарафи сохторҳои вазорат ҳангоми гузаронидани санҷишҳо ягон нафар шахсони паноҳҷуянда ва гуреза барои вайрон намудани қоидаҳои будубош дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ мутобиқи қисми 3 моддаи 499 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб карда нашуд.

Ҳамзамон дар якҷоягӣ бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон” баҳри содда ва сабук гардонидани амалияи маъмурӣ нисбати будубоши шаҳрвандони хориҷӣ, хусусан шахсони гуреза такмил дода шуда, ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Ҷиҳати такмили қонунгузорӣ оид ба озодии сукунати гурезаҳо ва паноҳҷӯяндагон бояд зикр намуд, ки вобаста ба масъалаи мазкур Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2000, №325 «Дар бораи номгӯи маҳалҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он ҷойҳо муваққатан зист намудани шахсони паноҳҷӯянда ва гурезагон мумкин нест» бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амният дар нуқтаҳои

аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст. Шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо мутобиқи номгӯи нуқтаҳои аҳолинишини мазкур дар ҳудуди Ҷумҳурӣ ҷо ба ҷо карда мешаванд. Аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллии нуқтаҳои аҳолинишин, ки ба ин номгӯй ворид нашудаанд, ҳамаҷониба кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо дар маҳалҳои дорои инфраструктураи кофӣ ҷойгир карда шаванд. Ҳамзамон, шахсони паноҳҷӯянда ва гурезаҳо метавонанд дар нуқтаҳои аҳолинишин, ки барои истиқомати онҳо иҷозат дода нашудааст, таҳсил ва фаъолияти меҳнатӣ анҷом дода, ба корҳои кироя ва фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд.

Ҷиҳати иҷрои зербанди 2 банди 11 нақша иттилоъ дода шуд, ки мунтазам таҳлил ва ҷамъбаст намудани масъалаи назорат нисбат ба қонунӣ будани депортатсияи шаҳрвандони хориҷӣ зери назорати доимии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, дар асоси нақшаҳои корӣ ҳамасола мавриди санҷиш ва таҳлил қарор мегиранд ва аз натиҷаи он чораҳои дахлдор андешида мешаванд.

Вобаста ба иҷрои зербанди 4 банди 11 нақша, ки масъалаи омӯзиши таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои хориҷкунии маъмурии гурезаҳо ва паноҳҷӯяндагон бо мақсади ягонагии истифодаи қонунгузорӣ дар ин самт ва ворид кардани мавзӯъҳои вобаста ба ҳуқуқҳои гурезагон ва истифодаи принсипҳои хориҷ накардани гурезаҳо ва паноҳҷӯяндагон ба барномаи таълимии судяҳоро дар бар мегирад Суди Олӣ танҳо иттилоъ дод, ки аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ барои риоя накардани қоидаҳои будубоши шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба таври транзитӣ убур кардан аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати 295 нафар парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ карда шуд.

Тибқи зербандҳои 1 ва 2 банди 12 нақша ба зиммаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон масъалаи ба забони давлатӣ тарҷума кардани ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ дар самти озодӣ аз шиканҷа, аз ҷумла Принсипҳои асосии истифодаи қувва ва силоҳи оташфишон ва Кодекси рафтори кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вогузор карда шудааст. Бояд зикр намуд, ки масъалаи мазкур дар барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2020 пешбинӣ карда шудааст.

Вобаста ба ворид намудани омӯзиши стандартҳои озодӣ аз шиканҷа дар барномаҳои таълимии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судяҳо, прокурорҳо, хизматчиёни ҳарбӣ, адвокатҳо ва ғайра ҳаминро бояд қайд кард, ки дар барномаҳои таълимӣ барои шунавандагони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти милии

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои судяҳо, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратура мавзӯи «Ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибати ғайриинсонӣ" пешбинӣ ва мунтазам гузаронида мешаванд.

Вобаста ба иҷрои зербанди 1, 2 ва 5 банди 13 нақша Вазорати адлия иттилоъ дод, ки вазорат лоиҳаи Стратегияи ислоҳоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2025-ро таҳия намуда, пас аз мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд. Лоиҳаи стратегияи мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эроду пешниҳодҳои дахлдор ҷиҳати такмили минбаъдаи он баргардонида шуд.

Масъалаи маблағгузории системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ рӯ ба беҳбудӣ дошта, сол аз сол афзуда истодааст. Тибқи ҳисоботи таҳлилӣ маблағгузории системаи мазкур дар муқоиса ба соли 2013 ду маротиба афзуда, нишондиҳандаҳои самтҳои гуногуни соҳа беҳбуд гардида истодааст.

Аз тарафи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтар намудани шароити нигоҳдошти ашхоси дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ нигоҳдошташуда ва адои ҷазо намуда истода, чораҳои зарурии мақсаднок андешида шуда истодааст.

Дар якчанд муассисаҳои ислоҳӣ иншооти нави замонавӣ ба истифода дода шуда, дар баъзе муассисаҳои дигар иншооти санитарӣ-гигиенӣ, азнавсозии чойхона, таъмири ҷории ҷойҳои гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ ва тарбиявӣ, бартарафсозии иншоотҳои кӯҳна ва ба ҷойи онҳо оғоз намудани сохтмони гармхонаҳои замонавӣ, бинои нонпазӣ ва дигар корхонаҳои истеҳсолӣ идома дорад.

Қобили қайд аст, ки сохтмони иншооти нави муассисаи ислохӣ дар шаҳри Ваҳдат идома дошта, дар марҳилаи анҷомёбӣ қарор дорад.

Раёсати тиббии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмиллалӣ мониторинги амалишавии барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемориҳои сил барои солҳои 2017-2020 ва барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масъунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020-ро дар муассисаҳои системаи ичрои ҷазои ҷиноятӣ гузаронида истодааст.

Вобаста ба зербанди 6 банди 13 нақша, ки масъули иҷрои он Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад ва баррасии масъалаи ташкили хадамоти мустақили тиббӣ ҷиҳати расонидани ёрии тиббӣ ба

шахсони дастгиршуда, ҳабсшуда ва маҳкумшударо дар бар мегирад, иттилоъ дод, ки дар доираи фаъолияти гурӯҳи корӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ", инчунин таҷриба ва заминаҳои меъёрии ҳуқуқии дигар давлатҳое, ки дар онҳо ба тарви институтсионалӣ экспертизаи тиббӣ-судии мустақил фаъолият дорад, таҳлил карда шуд. Вазорат бо назардошти натиҷаҳои таҳлил, хулосаҳо ва пешниҳодҳо барои омода намудани лоиҳаи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ" ва дигар қонунгузории мурофиавии кишвар дар доираи муҳлатҳои пешбинишуда, корбарӣ менамояд.

Ҷиҳати иҷрои банди 14 нақша Прокуратураи генералӣ иттилоъ дод, ки аз рӯи ҳисоботи омории давлатӣ дар фаъолияти прокурор (шакли-"П") ҳар се моҳа баҳисобгирии омории муроҷиатҳо оид ба истифодаи азобу шиканҷа амалӣ карда мешавад.

Ҳамчунин аз тарафи прокурори генералӣ 31 январи соли 2014, №5-11 дастур «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба пурзӯр намудани назорати прокурорӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқи инсон, баррасии холисона ва ҳаматарафаи муроҷиатҳои шаҳрвандон, бахусус дар мавриди таҳқиқу тафтиши ҷиноятҳо» ба тасвиб расид, ки он пешниҳоди маълумотҳои зарурии омориро оид ба вазъи баррасии арзу шикоятҳо оид ба шиканҷа пешбинӣ менамояд.

Прокуратураи генералӣ чунин ҳисоботи омориро мунтазам амалӣ менамояд ва боиси зикр аст, ки дар соли 2019 ба мақомоти прокуратура 14 (48) муроҷиат оид ба азобу шиканҷа ба қайд гирифта шуда, ваҷҳҳои дар онҳо пешниҳодгардида оид ба истифодаи шиканҷа танҳо дар ду ҳолат тасдиқ шуда, бо дигар ҳолатҳо аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст.

Вобаста ба иҷрои зербанди 1 банди 15 нақша Вазорати адлия иттилоъ дод, ки доир ба корҳои лоиҳакашии тавқифгоҳи тафтишоти №1 дар ноҳияи Рудакӣ роҳбарият ва масъулони мақомот дар якҷоягӣ бо намояндагони Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶСК «Саноатсоз»-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмонӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ намуда истода, дар таҳияи лоиҳаи сохтмони он корбарӣ намуда истодаанд.

Айни замон лоиҳаи тавқифгоҳи тафтишоти №1 дар ҳолати анҷомёбӣ қарор дошта, лоиҳаи муассиса барои адои ҷазои маҳкумшудагони ба низоми махсус ва ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум карда шуда, дар ҳолати таҳияшавӣ қарор дорад.

Ҷиҳати иҷрои зербанди 1 ва 3 банди 16 нақша Вазорати адлия иттилоъ дод, ки тибқи банди 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2017, №322 вазорат ҳамчун мақоми ҳамоҳангсози иҷрои Барномаи ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбати кӯдакон барои солҳои 2017-2021 муқаррар шудааст.

Аз ин рӯ вазорат вобаста ба иҷрои банди мазкур мониторинги таҳлилӣ вобаста ба иҷрои Барномаи ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбати кӯдакон барои солҳои 2017-2021-ро гузаронид. Натиҷаи мониторинг ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Ҳамзамон дар соли 2019 3 корманди муассисаи тарбиявӣ, ки бо маҳкумшудагони ноболиғ корбарӣ доранд, ба курсҳои такмили ихтисос дар назди Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти адлия ва хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб карда шудаанд.

Ҷиҳати иҷрои зербанди 1 ва 2 банди 18 нақша аз ҷониби Прокуратураи генералӣ лоиҳаҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуда, айни ҳол дар мувофиқакунонӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор қарор доранд.

Таъмини иҷрои меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таҳти назорати ҳамарӯза қарор дода шуда, мақомоти прокуратура дар асоси нақша-чорабиниҳои мушаххаси дар ин замина таҳия шуда, корҳои муайянеро ба анҷом расонидааст.

Аз ҷумла, дар соли 2019 вобаста ба шарҳу тавзеҳи мазмуну мухтавои қонуни мазкур, нақши он дар таълиму тарбияи насли наврас, масъулияти падару модар, шахсони онҳоро ивазкунанда, омӯзгорон ва дигар ташкилоту муассисаҳои масъул мунтазам вохӯрию суҳбатҳо гузаронида, тавассути воситаҳои ахбори омма намоишу суҳбатҳо амалӣ карда шуданд.

Вобаста ба иҷрои зербанди 1 ва 3 банди 19 нақша Вазорати мудофиа иттилоъ дод, ки ҷиҳати пешгирии муносибатҳои ғайриоинномавӣ дар байни хизматчиёни ҳарбӣ пайваста бо ҷалби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва аҳли зиёи кишвар чорабиниҳои гуногуни пешгирикунанда аз қабили суҳбату вохӯриҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ ташкил карда шуда, дар ин самт корҳои мушаххас ба анҷом расонида шуд.

Ҳамчунин барои баланд бардоштани малакаи касбии хизматчиёни ҳарбӣ пайваста дар доираи машғулиятҳои тайёрии ҷамъиятӣ – давлатӣ, касбӣ – вазифавӣ ва махсус мавзӯъҳои лозима вобаста ба ҳуқуқу озодии

инсон, муносибатҳои ғайриоинномавӣ нисбат ба хизматчиёни ҳарбӣ ва оқибатҳои он гузаронида шуда, риоя ва таъмини кафолатҳои ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ зери назорати роҳбарият қарор дорад.

Ҷиҳати иҷрои зербанди 1, 4, 5 ва 6 банди 19 нақша Прокуратураи генералӣ зикр намуд, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 феврали соли 2015 Консепсия оид ба корҳои тарбиявӣ-сиёсӣ дар қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст.

Дар асоси ин консепсия вазорати мудофиа дастури методӣ оид ба барҳам додани муносибатҳои ғайриоинномавӣ, ҳолатҳои худкушӣ ва ҷиноятҳои ҳарбӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастур оид ба пурзӯр намудани интизоми ҳарбӣ тартибот ва қонуният дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия намудааст.

Ин ҳуҷҷатҳо тартиб, вазифаҳо ва роҳҳои муқобилият бо шиканҷа, тафтиш ва ҳуҷҷаткунонӣ, сабабҳои ба муносибати бераҳмона дар артиш мусоидаткунанда ва роҳҳои пурзӯр намудани интизоми ҳарбиро пешбинӣ менамоянд.

Ҳамчунин тибқи қарори Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи қисмҳои ҳарбии қувваҳои мусаллаҳ аз соли 2012 инҷониб камераҳои мушоҳидавӣ насб шудаанд. Дар асоси фармонҳои прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи қисмҳои ҳарбӣ бо телефони боварӣ ва қуттиҳо барои арзу шикоятҳо таъмин шудаанд.

Вобаста ба иҷрои зербанди 2 ва 3 банди 20 нақша Кумитаи кор бо занон ва оила иттилоъ дод, ки оид ба зиёд намудани шумораи утоқҳои корӣ вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар кумита “Маркази захиравӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила” дар ҳамкорӣ бо ташкилоти ҷамъиятии “Хазинаи Авруосиёгии Осиёи Марказӣ-Тоҷикистон” фаъолият намуда, ҳамарӯза ба шаҳрвандон маслиҳатҳои равонӣ ва ҳуқуқии ройгон мерасонад.

Ба марказ дар соли 2019 1637 нафар, ки аз он тариқи телефонӣ 925 ва тариқи рӯ ба рӯ 712 нафар муроҷиат намуданд. Бо зӯроварии ҷисмонӣ 396, зӯроварии иқтисодӣ 901, зӯроварии равонӣ 1238 ва зӯроварии шаҳвонӣ 18 шаҳрванд ба маркази мазкур муроҷиат намуданд.

Дар соли 2019 дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва лоиҳаи Пешгирии зӯроварии хонаводагӣ (PDV) дар Маҷмааи тиббии “Истиқлол” утоқи тавонбахшӣ барои ҷабридагони зӯроварӣ дар оила ташкил карда шуд.

Вобаста ба расонидани кӯмакҳои равонию ҳуқуқӣ, пешгирии содиршавии кирдорҳои номатлуб бахусус, пешгирии омилҳои зӯроварӣ дар оила, дар назди раёсат, шуъба ва бахшҳои кор бо занон ва оилаи

мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо Марказҳои иттилоотӣ-машваратӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо ҳуқуқшиносону равоншиносон ба шаҳрвандон маслиҳатҳои равонию ҳуқуқиро ба таври ройгон мерасонанд.

Дар соли 2019 тибқи маълумотҳои марказҳои иттилоотӣ -машваратӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо 13317 шаҳрванд муроҷиат намуд, ки аз ин шумора 6253 зан ва 2940 мард бо масъалаҳои гуногун муроҷиат намудаанд.

Ҳамзамон кумита вобаста ба фаъолияти вазорату идораҳои дахлдор оид ба пешгирии зӯроварӣ дар Прокуратураи генералӣ хониши идоравӣ дар мавзӯи “Ҳамкорӣ баҳри пешгирии зӯроварӣ” бо иштироки тамоми кормандони прокуратура баргузор намуд.